# ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ ҲАМЧУН АФЗОРИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТИЮ ИҶТИМОӢ

***Икромӣ Хуршед Икром,*** *директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: x_teshaev@yahoo.com*
***Шодиниё Абдулбосит Шодӣ,*** *ёвари директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: abduvosid@list.ru*

**ШАРҲИ МУХТАСАР**. Дар ин мақола дар бораи як қатор масъалаҳои давлатию иҷтимоие, ки сабаби роҳандозии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд ва дар хусуси то кадом андоза дар ҳалли онҳо муваффақ шудани низоми мазкур маълумот дода мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** баробарӣ, дастрасии баробар, ИМД, мутамарказсозӣ, сифати таҳсилот, таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, тест, тестгузаронӣ, шаффофият.

Аз солҳои 90-уми асри XX дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ роҳандозии низомҳои миллии арзёбии дастовардҳои таълимӣ ва мутамарказсозии имтиҳонҳо оғоз гардид. Вобаста ба ин, дар кишварҳои мазкур ниҳоду муассисаҳои нав, ки ҳадафи асосиашон арзёбии дониш ва ё марказонидани имтиҳонҳо аст, таъсис дода шуд. Чунин тамоюл ва масъалаҳои ҷойдошта дар соҳаи имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи бозсозию ислоҳоти ин соҳаи муҳимми маорифро ба миён гузошт. Натиҷаҳое, ки кишварҳои дигар дар робита бо ҷорӣ намудани имтиҳонҳои марказонида, чи дар соҳаи аттестатсияи хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва чи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ба даст оварда буданд, дар муқоиса бо ҳолати низоми пешини имтиҳонҳои дохилшавии кишвари мо аз чандин ҷиҳат бартару беҳтар ва шоистаи ибрат буд.

Бинобар ҷой доштани як қатор масъалаҳо дар соҳаи имтиҳонҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар зарур дониста шуд, ки механизми қабули донишҷӯён бо мақсади

интихоби одилонаю арзандатари ҷавонон – хоҳишмандони таҳсилоти олии (ва минбаъд миёнаи) касбӣ такмил дода шавад. Аз ин нигоҳ дар ҷумҳурӣ зарурати таъсиси маркази тестӣ, ки дорои вижагии миллӣ бошад, ба миён омада буд. Зарурати назорати давлатии дастовардҳои таълимии хонандагон ва донишҷӯёнро дар шакли имтиҳонҳои марказонидашуда ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва дар вақти хатми ҳар як зинаи таҳсилоти касбӣ Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 низ талаб мекард [1].

Аз ҷумлаи масъалаҳое, ки пеш аз ҷорӣ шудани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (ИМД) мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа ва Ҳукумати кишвар қарор дошт, метавон таъмини баробариро дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат зикр кард. Вобаста ба ин, яке аз вазифаҳое, ки Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 [10] татбиқи онро тақозо мекард, таъмини баробарӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат бо ҷорӣ намудани низоми қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯи натиҷаҳои санҷиш (тест)-и миллӣ буд.

Ҳолати дигаре, ки он овон ҷомеаро ба ташвиш оварда буд, суиистифода аз мансабу вазифа ва ришваситонӣ ҳангоми санҷишу имтиҳонҳо ва суҳбатҳо зимни қабули довталаб ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ буд, ки ба ҳукми анъана ва зуҳуроти номатлуби такроршаванда даромада, ба низоми таҳсилот ва обрӯю нуфузи он ва, умуман, соҳаи маорифи кишвар таъсири манфӣ мерасонд [11].

Низоми имтиҳоноти хатми мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҷомеаро, на довталабону волидайни онҳоро ва на худи мактабҳои олиро комилан қонеъ гардонида метавонист. Дар давраи имтиҳоноти қабули мактабҳои олӣ рӯйдодҳои номатлуби ришвахорӣ, востагарию хешутаборгароӣ, фишороварии маъмурӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва ҳоказо ҳамчунон идома доштанд. Низоми мазкур дорои ин ва норасоиҳои дигар буд ва, дар маҷмӯъ, боиси нобаробарии дастёбӣ ба таҳсилот (таълим) дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва мушкилоти зиёд дар назорати сифати ҷараёни қабули довталабон ба мактабҳои олии касбӣ ва ғайра мегардид [6].

Бояд қайд кард, ки масъалаи вуҷуди нуқсу костӣ дар низоми қабули донишҷӯён ба мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ ва набудани шаффофият барои дастрасии баробар ба он дар кишварҳои дигари

Иттиҳоди Шӯравӣ ва пасошӯравӣ низ ҷой дошт. Ин масъаларо, аз ҷумла, Президенти Федератсияи Русия дар соли 2004 қайд карда, зарурати ҷорӣ кардани низоми шаффофи қабули донишҷӯёнро ба мактабҳои олӣ, ки ба довталабон аз минтақаҳои гуногун имкони иштирокро бо ҳуқуқи баробар дар озмун ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии бонуфузтарин медиҳад, гуфта буд [2].

Вобаста ба ин ва масъалаҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати марказонидани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таъсиси як ниҳоди нави ваколатдор барои баргузории ин имтиҳонҳо ба миён омад.

Дар соҳаи идора ё, ба истилоҳ, менеҷмент мафҳуме мавҷуд аст бо номи "мутамарказсозӣ (марказонидан)". Дар ин ё он соҳа вобаста ба самти муайяни фаъолият, ки он дар муассисаҳои гуногун дар як шакл ё шаклҳои ба ҳам монанд аз тарафи ин муассисаҳо амалӣ мегардад, бо мақсади ҳалли масъалаҳои гуногун (бахусус иҷтимоӣ)-и давлатӣ гоҳе зарурати марказонидани ин самти фаъолият ба миён меояд. Ҳангоми мутамарказсозӣ ё номутамарказсозии ҳар самти фаъолият бартарӣ ва камбуду мушкилоти ҳар ду шакл ба назар гирифта мешавад ва қарор барои баргузидани яке аз онҳо дар асоси бартариҳои зиёд ва камбуду мушкилоти кам, ки ҳалли муассири масъалаи гузошташударо таъмин мекунад, қабул карда мешавад.

Мафҳуми "марказонидан" ё "мутамарказсозӣ" таҷаммуи ҳуқуқи қабули қарорҳо ва тамаркузи ваколатҳои ҳокимиятӣ дар сатҳи болоии роҳбарии созмон ё ниҳод аст. Мутамарказсозӣ вокуниши низоми муташаккиле аст барои пешгирӣ аз таҳрифи иттилоот ҳангоми интиқоли он тавассути шумораи афзояндаи дараҷаҳои идорӣ (маъмурӣ) [3, С. 355]. Ин мафҳум аз калимаи англисии "centralization" гирифта шуда, тамаркузи назорату идораи фаъолият ё созмондиҳиро таҳти ниҳоди ягона ифода мекунад [12].

Таъсири созмонӣ (организационный эффект)-и мутамарказсозӣ аз табиат (хусусият)-и соҳаи созмонӣ, ки дар он марказонидани кор ҳадафи умда аст, вобастагии зиёд дорад. Масалан, таъсири созмонии мутамарказсозии назорати истеҳсоли автомобилҳо нисбат ба тамаркуз додан дар назорати таҳсилот бояд фарқ дошта бошад [13].

Аз ҷумлаи бартариҳои мутамарказсозии самти муайяни фаъолият таъмини сатҳи баланди назорату идора ва ҳамоҳангсозии иҷрои амалу равандҳо; истифодаи меъёру стандарти ягона ҳангоми иҷрои амалу равандҳо; истифодаи муассири кадрҳо, технологияҳо ва таҷҳизоту воситаҳои техникӣ; ташкили пойгоҳи ягонаи додаҳо, ки таҳлили фаврии маълумот ва омодасозии маълумоти омории дақиқу муътамадро барои қабули қарорҳои дахлдор таъмин мекунад; таъмини таъсири бозгаштии натиҷаҳо мебошад.

Ташкили Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ кардани ИМД, ки дар заминаи тест (тестгузаронӣ) татбиқ меёбад, ба ҳалли масъалаҳои зикргардида равона гардида буд. Тест барои санҷиши маҳорату малака, умуман, дастовардҳои таълимӣ, андозагирии қобилиятҳои озмоишшавандагон аз рӯйи меъёрҳои умумии эътирофшуда (дар ҷаҳон ё доираи якчанд муассисаи илмию таҳқиқотӣ) ва арзёбии қобилияти шахс ба таҳсилот таҳия карда мешавад [14. С. 3]. Вале дар кишварҳои гуногун корбурди низоми тестӣ дар шаклҳои яксон ба мушоҳида намерасад.

Дар Беларус тестгузаронии мутамарказ танҳо ҳамчун шакли имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода мешавад. Натиҷаҳои чунин имтиҳонҳо имкон медиҳанд, ки баҳо (рейтинг)-и ҳар як довталаб аз рӯйи дараҷаи омодагияш муайян карда шавад. Сохтани чунин тестҳо бо дар назар гирифтани инъикоси беҳини мундариҷаи фанни таълимӣ ва интихоби чунин маводди санҷишӣ, ки бо эҳтимоли хеле зиёд сатҳи омодагии инфиродии довталабро муайян мекунад, пешбинӣ шудааст [9].

Лозим ба зикр аст, ки агар таҷрибаи ҷорӣ кардани имтиҳони давлатии ягона барои хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дохилшавандагон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Федератсияи Русия дар байни ҳам кормандони соҳаи маориф ва, умуман, ҷомеа баҳсҳои пуршӯрро ба миён оварда бошад [2], наметавон гуфт, ки ҷорӣ гардидани ИМД боиси ба миён омадани чунин баҳсҳо нагаштааст. Ҳарчанд ки мухолифони роҳандозӣ кардани ин низом, онҳое, ки аз низоми кӯҳнаи имтиҳонҳо манфиатдор буданд, имрӯз низ кам нестанд, роҳандозӣ кардани низоми кунунии имтиҳонҳо (ИМД) талаби замон аст ва он бартарию авлавиятҳояшро аллакай ба субут расонидааст. Ҳанӯз дар соли аввали роҳандозии низоми ИМД (соли 2014) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташкилу баргузории ин имтиҳонҳо баҳои баланд дода буданд ва бо дастурашон ба низом як қатор муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии то он дам ба он вориднашуда ва ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ дохил гардиданд. Солҳои минбаъдаи ИМД воқеияти ин гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар тасдиқ кард: “Таъсисёбии Маркази миллии тестӣ ва қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тавассути имтиҳонҳои марказонидашуда дар таъмини сифати таҳсилот дигаргуниҳои мусбат ба миён хоҳад овард. Зеро аҳли ҷомеа, бахусус падару модарон ва хатмкардагони мактабҳо имсол итминон пайдо карданд, ки сатҳи баланди дониш омили асосӣ ва ягонаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад”.

Мушовирони байналмилалӣ ва алоқамандони дигари ИМД, ки бевосита шоҳиди шаффофу одилона гузаштани имтиҳонҳо гардида буданд, ташкилу баргузории ИМД-ро дар 2014, бо вуҷуди соли аввали амалишавии ин низом, ҳамчунин бисёр хуб арзёбӣ карда буданд.

Чанд омили калидӣ барои бомуваффақият роҳандозӣ кардани ИМД ва нуфузи рӯзафзунро соҳиб гаштани он ва ниҳоди татбиқгараш – Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда буд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон инҳоро номбар кард:

- дастгирӣ аз тарафи роҳбарияти олии кишвар, вазорату идораҳои дахлдор ва аксари ҷомеаи кишвар (омӯзгорон, довталабон, падару модари онҳо ва ғайра);

- ёрмандии молию техникӣ аз ҷониби шарикон (Барномаи ҳамкории рушди таҳсилоти Россия (READ), Бонки ҷаҳонӣ, Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти кушода» – Бунёди мадад дар Тоҷикистон);

- дастрас будани имкони омӯзиши таҷрибаи минтақавӣ ва байналмилалӣ.

ИМД низоми миллии иборат аз маҷмӯи зернизомҳо ва таъминкунандаи дастрасии баробар ба таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси озмун, новобаста аз мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҷойи истиқомат аст.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои шахсони дорои 1) таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2) ибтидоии касбӣ ва 3) миёнаи касбӣ дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом дода мешавад. Шартҳои озмун бояд риояи ҳуқуқи шаҳрвандонро дар соҳаи маориф кафолат дода, ба он мусоидат намояд, ки шахсони арзанда ва барои омӯхтани барномаҳои таълимии дараҷа ва (ё) зинаи дахлдор омода ба муассисаҳои мазкур қабул шаванд [5].

Агар маълумоти омории солҳои пеш аз роҳандозии низоми ИМД-ро бо солҳои баъдӣ қиёс кунем, возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст, ки баъди ҷорӣ шудани ИМД як қатор мушкилоти ҷойдошта, аз ҷумла вобаста ба қабули духтарон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳалли худро пайдо карда истодаанд. Чунончи, агар ҳиссаи (%-и) баландтарини духтарони ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар давоми солҳои 2009-2013 қабулшуда ҳамагӣ 27,99 %-ро ташкил дода бошад [8], ин нишондиҳанда баъди роҳандозии ИМД ба 35,81 % расид (ниг. ба расми 1).

Тавре ки маълум аст, масъалаи ҷалби духтарон ба таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати гендерии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин самт мунтазам чораҳо андешида мешаванд. Аз ҷумла, ҳанӯз соли 1999 вазоратҳои маориф, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, ҳукуматҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор гардида буданд, ки ба масъалаи минбаъд зиёд намудани шумораи занҳои ихтисосманд, аз қабили иқтисоддон, муҳандис, духтур, агроном, муаллим дар деҳоти ҷумҳурӣ чун ба як рукни сиёсати давлатдорӣ ва фишанги тавонои пешбурди ҷамъият муносибат намоянд. Ба ин хотир ҳангоми қабул ва таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ бо дарназардошти талаботи замон ва тавсияи ҳукуматҳои маҳаллӣ барои тайёр намудани кадрҳо аз миёни духтарони ноҳияҳои кӯҳистон бояд шароити имтиёзнок муҳайё карда шавад [4].




Расми 1. Ҳиссаи духтарон ва писарони ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дохилшуда дар солҳои 2009-2018.

ИМД ҳалли масъалаи дастрасии баробар ба таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар асоси озмуни одилона вобаста ба шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳо низ таъмин кард. Далели ин гуфтаҳо омори дар зер овардашуда аст. Аз он дидан мумкин аст, ки довталабони як ноҳия ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии чанд шаҳру ноҳия тақсимот шудаанд (ниг. ба ҷадвали 1). Тавре ки аз ҷадвали зер мушоҳида кардан мумкин аст, довталабон аз ноҳияи Панҷ, ки яке аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ мебошад, тибқи натиҷаҳои озмуни тақсимот дар ИМД-2018 аз рӯйи ихтисос ва муассисаҳои таълимии интихобкардаашон ба муассисаҳои таълимии 25 шаҳру ноҳия тақсимот шудаанд.

Ҷадвали 1. Тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо

| Ноҳия | Шумораи шаҳру ноҳияҳое, ки довталабони шаҳр/ноҳияи муайян ба муассисаҳои таълимии онҳо тақсимот шудаанд | | |
|---|---|---|---|
| | ҲАМАГӢ | МТТМК* | МТТОК** |
| Кӯшониён | 24 | 20 | 12 |
| Панҷ | 25 | 21 | 12 |
| Ҷалолиддини Балхӣ | 25 | 21 | 10 |
| Ҷайҳун | 23 | 21 | 10 |
| Шамсиддини Шоҳин | 23 | 17 | 12 |

* МТТМК – муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ;
** МТТОК – муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ.

Бо мақсади таъмини дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар доираи низоми ИМД ба довталабон, новобаста аз мансубияти миллӣ ва ҷойи истиқоматашон, ҳуқуқи интихоби забони имтиҳонсупорӣ (тоҷикӣ/русӣ), макони имтиҳонсупорӣ, ихтисосу муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, шакл ва намуди таҳсил дода шуда, барои огоҳ сохтани онҳо аз низоми мазкур омӯзишу корҳои иттилоърасонию таблиғот дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда мешавад. Масалан, шумораи иштирокдорони курсу вохӯриҳо дар соли 2018-ум 221251 нафарро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2017-ум 5031 нафар (2,33 %) зиёд аст.

Тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои довталабони имкониятҳои ҷисмонияшон маҳдуд дар марказҳои имтиҳонӣ бо дарназардошти талаботи муқаррargardida ва хусусиятҳои ҷисмонӣ, имкониятҳои инфиродӣ ва вазъи саломатии онҳо шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ки ин як омили таъмини дастрас будани таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, новобаста аз имкониятҳои ҷисмонии довталабон, аст.

Ҷорӣ кардани талаботу қоидаҳои ягонаи бақайдгирию имтиҳонсупорӣ, истифодаи тестҳо ҳамчун афзори муътамади арзёбии дастовардҳои таълимӣ, корбурди технологияи навтарин дар ташкилу баргузории имтиҳонот ва арзёбии натиҷаҳои имтиҳон ва ба ҳадди камтарин расонидани омили инсонӣ ба натиҷаи имтиҳонҳо ва монанди инҳо боис шуд, ки дастрасии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва шаффофияти имтиҳонот комилан таъмин гардад. Шумораи ками аризаҳои эътирозӣ (апеллятсионӣ)-и аз ҷониби довталабон пешниҳодшуда ва қариб ба ҳадди нестӣ расидани он дар солҳои охир аз ҷумлаи далелҳои муътамад ва нишондиҳандаи шаффофияти ИМД ва фаъолияти Марказ аст.

Аз омилҳои дигаре, ки ба дастрасии баробари таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мусоидат мекунанд, пешбинӣ гардидани марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ва даври иловагии имтиҳонҳо барои довталабон аст. Ҳар шахсе, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ худро барои иштирок дар ИМД номнавис карда натавонистааст, имкон дорад ин корро дар марҳалаи иловагӣ анҷом дода, имтиҳонҳоро дар даври иловагӣ супорад. Инчунин, агар довталаб дар даври асосии имтиҳонҳо иштирок карда натавонад, ба ӯ дар асоси аризааш барои иштирок дар даври иловагии имтиҳонҳо иҷозат дода мешавад. Агар довталаби дар имтиҳон (даври асосӣ) иштироккунанда бо сабаби воқеӣ (объективӣ), масалан, бемор шудан дар вақти имтиҳон, иҷрои саволу масъалаҳои тестиро ба охир расонида натавонад, ҳуқуқ дорад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Марказ синфхонаро тарк намояд. Ба довталаби мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки онҳоро роҳбари маркази имтиҳонӣ, намояндаи ваколатдори Марказ, маъмури имтиҳон ва шахсони дигари дахлдор таҳия ва имзо мекунанд, ҳуқуқи имтиҳонсупорӣ дар даври иловагии имтиҳонҳо дода мешавад.

Барои таъмини шаффофият ва назорати раванди имтиҳонҳо дар ҳар маркази имтиҳонӣ комиссияи ҷамъиятӣ фаъолият мекунад, ки ҳайати онро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳия, ки дар ҳудуди он маркази имтиҳонӣ амал мекунад, муайян ва тасдиқ менамояд. Ҷиҳати таъмини бехатарии иттилоотӣ дар давраи таҳия ва интиқоли маводди имтиҳонӣ, баргузории имтиҳонҳо тамоми чораҳо андешида мешаванд (аз ҷумла истифода аз қуттӣ ва бастаҳои эмин, воситаҳои бехатарии огоҳсозанда, низоми назорати видеоӣ, намогир (сканер)-ҳои изи ангуштон). Толорҳои махсуси бо мониторҳо муҷаҳҳаз ба падару модарон ва шахсони дигари довталабонро ҳамроҳикунанда имкони мушоҳида кардани раванди имтиҳонҳоро медиҳад. Дастрасии ҳамаи маълумоти зарурӣ дар бораи имтиҳонсупории довталаб барояш таъмин карда мешавад, аз ҷумла китобчаи тест пас аз имтиҳон ба довталаб супорида мешавад; варақаҳои ҷавобҳо дар кабинети инфиродиаш, ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест ва ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо барои ҳар субтест вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо пас аз эълони натиҷаи имтиҳонҳо дар сомонаи Марказ ҷойгир карда мешаванд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки довталаб мустақилона холҳои аз ҳар як субтест бадастовардаашро ҳисоб карда, ба чанд бал баробар будани онҳоро муайян кунад. Ин шароиту имконоти фароҳамоварда на танҳо омили таъминкунандаи шаффофияти ИМД аст, балки барои пешгирӣ аз ҳар гуна амалҳои номатлуб ва фирефтаи шахсони қаллоб нашудани довталабу наздиконаш низ мусоидат мекунад.

Яке аз вазифаҳое, ки вобаста ба масъалаи ноадолатӣ дар рафти имтиҳонҳо – ёрӣ додан ба довталабон ва таъсир расонидан ба натиҷаҳои имтиҳонсупории онҳо дар доираи Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 пешбинӣ гардидааст, ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар толорҳои имтиҳонҳои қабули довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аст. Вобаста ба ин, дар ҳамаи марказҳои имтиҳонӣ низоми назорати видеоӣ амалӣ гардида, раванди имтиҳонҳо пурра назорат ва сабт карда мешавад. Инчунин, ҳангоми коркарди натиҷаҳо низ ба таври шабонарӯзӣ аз низоми назорати видеоӣ истифода карда мешавад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки дар ҳеҷ раванди ИМД таъсири омили инсонӣ ҷой надошта бошад.

Чораҳои барои амалисозии ҳадафҳои давлатию иҷтимоӣ дар доираи ИМД андешидашуда зиёданд ва ин яке аз бартариҳои низоми мазкур ба ҳисоб меравад. Новобаста аз ин, бо мақсади муайян кардани баъзе аз масъалаҳои марбут ба ИМД дар байни довталабони дар ин имтиҳонҳо комёбшуда – донишҷӯёни курси якуми баъзе аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ пурсиш гузаронида мешавад. Таҳлили натиҷаҳои пурсиш имкон медиҳад, ки барои бартараф кардани мушкилоту камбудиҳо ва дар сатҳи боз ҳам хубтар ба роҳ мондани ИМД чораҳои зарурӣ андешида шавад. Пурсиши соли ҷорӣ, ки дар байни 5080 нафар довталаби дар ИМД-2018 комёбшуда – донишҷӯёни 32 муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гузаронида шуд, нишон дод, ки 93,18 %-и пурсидашудагон хоҳиши онро доранд, ки имтиҳонҳои дохилшавӣ минбаъд низ тавассути Марказ баргузор карда шаванд.

Масъалаи дигаре, ки ИМД дар иҷрои он мусоидат мекунад, таъмини таъсири бозгаштии натиҷаҳои ин имтиҳонҳо аст, ки барои баланд бардоштани сифати таълим дар зинаҳои гуногун метавонад мусоидат кунад. Тавре ки маълум аст, то роҳандозии ИМД имтиҳонҳои қабули донишҷӯён аз тарафи ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мустақилона гузаронида мешуд ва маълумот дар бораи натиҷаҳои имтиҳонсупории довталабони як мактаб, шаҳр, ноҳия ё минтақа аз муассисаҳои мазкур то мактаб, шаҳр, ноҳия ва минтақаи дахлдор дастрас намегардид. Инчунин, пойгоҳи ягонаи додаҳо – натиҷаҳои имтиҳонсупории довталабон, ки имкони анҷом додани таҳлилҳои оморӣ ва дар асоси онҳо қабули қарори дахлдорро барои бартараф кардани мушкилу камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати мусоидат кардан дар баланд бардоштани сифати таҳсилот фароҳам оварад, вуҷуд надошт.

Гарчанде ки дар мавриди истифодаи имтиҳонҳои марказонида ҳамчун афзори арзёбии сифати таҳсилот, аз ҷумла оид ба имтиҳони давлатии ягона ҳамчун афзори мазкур дар Федератсияи Русия дар байни олимон ихтилофи назар ҷой дорад, қайд карда мешавад, ки аз имтиҳони давлатии ягона ҳамчун афзори таҳлилие, ки имкони пайгирии баланд шудани сифати таҳсилотро медиҳад, истифода кардан мумкин аст. Имтиҳони давлатии ягона имкон медиҳад, ки масалан, сатҳи омодагии хатмкунандагон аз минтақаю муассисаҳои таълимии гуногун бо ҳам муқоиса карда шавад ва ғайра. Додаҳои ҷамъоваригардида дар таҳияи раҳбурд (стратегия)-ҳои мушаххас ва лоиҳаҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ин ё он минтақа, шаҳр, муассисаи таълимӣ ва ғайра мусоидат мекунанд [7].

Вобаста ба ин, Марказ ҳамасола таҳлилҳои омории натиҷаҳои имтиҳонҳои мазкурро аз рӯйи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мувофиқи нишондиҳандаҳои асосӣ: холи гузариш, холи имконпазири ҳадди аксар, холи ҳадди аксар, сифати азхудкунӣ, холи миёна, маълумотро оид ба раванду марҳалаҳои гуногуни ИМД дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ (аз бақайдгирӣ то озмуни тақсимот), шумораи довталабони ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо дохилшуда вобаста аз муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо ва ғайра анҷом медиҳад. Истифодаи натиҷаҳои ин таҳлилҳо метавонад барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар ин замина беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои довталабони шаҳру ноҳияҳо дар марҳалаҳои гуногуни ИМД мусоидат кунад.

Марказ бо истифода аз фазо (аудитория)-и фарохи тамос бо ҷомеа ва робита бо шунавандагони бешумор, ки ба ҷуз довталабон волидону наздикони дигари онҳо, омӯзгорон, намояндагони аксари сохторҳои соҳаи маориф, ВАО ва ғайраро фаро мегирад, зимни суҳбату ҷаласа, семинарҳо ва вохӯриҳои гуногун, дар баробари корҳои иттилоърасонии вобаста ба ИМД ва фаъолияти худ, сиёсати Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самтҳои мухталиф тарғиб карда, ба ин васила дар таблиғ ва татбиқи ҳадафҳои идеологӣ (мафкуравӣ)-и давлат ва стратегияҳои миллӣ дар самтҳои гуногун саҳмгузор мешавад. Кормандони Марказ бо истифода аз фурсати мусоид ҳангоми вохӯриву суҳбатҳо бо довталабон ва алоқамандони дигари ИМД наврасону ҷавононро ба расидан ба қадри вақт ва соҳиб гаштан ба ахлоқу маънавиёти ҳамидаву созанда ва илму маърифати муфиду рушддиҳандаву пешбаранда, эҳтирому ҳифзи асолату муқаддасоти милливу фарҳангӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, садоқат ба ватан, ҳушёриву зиракии сиёсӣ дар шинохти манфиатҳои милливу давлатӣ, дурбинию дурандешӣ, нагаравидан ба бегонапарастӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои тундраву ифротгаро, фирефта нашудан ба ашхоси қаллоб ва монанди инҳо даъват ва ташвиқ карда, рисолати шаҳрвандии хешро дар назди халқу давлату миллат ба ҷо меоранд.

Хулласи калом, низоми ИМД тавонист, ки иҷрои масъалаҳои давлатию иҷтимоии мавҷударо дар соҳаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, аз ҷумла навсозӣ ва такмили механизми қабули донишҷӯён бо мақсади интихоб кардани ҷавонони барои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ арзандатар; таъмини шаффофияти қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва баробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат; аз байн бурдани суиистифода аз мансабу вазифа ва ришваситонӣ ҳангоми қабули довталабон ба муассисаҳои таълимӣ; афзудани бовари довталабон, падару модарон ва аҳли дигари ҷомеа ба Марказ ва ИМД; ташкили пойгоҳи ягонаи додаҳо, ки таҳлили фаврии маълумот ва омодасозии маълумоти омории дақиқу муътамадро барои қабули қарорҳои дахлдор таъмин мекунад; таъмини таъсири бозгаштии натиҷаҳо; ҷалби қариб саросарии духтарон дар ҷумҳурӣ ба таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ғайраро таъмин кунад. Низоми ИМД худро дар давоми 5 соли роҳандозиаш ҳамчун низоми устувору муътамад ва сазовори боварии роҳбарияти олии кишвар ва ҷомеа нишон дод.

## АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2007, № 529.
2. Болотов В. А. На пути к созданию системы независимой оценки качества образования // Профессиональное образование. – 2005. – № 1. – С. 3-4.
3. Виханский О. С., Наумов А.Н. Менеджмент. / Менеджмент: учебник / О. С. Виханский, А. И. Наумов. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Экономистъ, 2006. – 670 с.
4. Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999, № 5, ш. Душанбе.
5. Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми майи соли 2009, № 53 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 5, мод. 338; с. 2014, № 7, қ. 2, мод. 423; с. 2016, № 7, мод. 628; с. 2017, № 7-9, мод. 584).
6. Консепсияи «Низоми санҷиши тестии миллӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ» (Ҷумҳурии Тоҷикистон): Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми июли соли 2009, № 9/29.

7. Магомедова Е.В. К проблеме использования ЕГЭ как инструмента оценки качества образования на этапе перехода школа – вуз // III Всероссийская научно-практическая Интернет-конференция «Инновационные направления в педагогическом образовании» с международным участием [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://econf.rae.ru/article/5566
8. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2013-2014, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, 315 с. (с. 240)
9. Одного ли поля ягодки ЦТ и ЕГЭ? [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.ng.by/ru/issues?art_id=47116.
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, № 334.
11. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013, № 1504.
12. Dictionary. www.Lexico.com [electronic resource]. – Access mode: https://www.lexico.com/en/definition/centralization
13. Meyer, John W. The Impact of the Centralization of Educational Funding and Control on State and Local Organizational Governance. Stanford Univ. Calif. Inst. for Research on Educational Finance and Governance. Aug 79.
14. Robin Matross Helms, University Admission Worldwide, World Bank 2008, стр. 3.